**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти дссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, мубрам буда,ба яке аз масъалаҳои рузмараи ҳаёти ҷамъиятӣ бахшида шудааст. Мавзӯи интихобнамудаи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло хеле мубрам буда, он пеш аз ҳама барои риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкилоту корхонаҳо ва соҳибкорну тоҷирон ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи онҳо равона шудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки: «Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд».

Дар ҳақиқатан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон муқарраротҳое пешбинӣ гардиданд, ки онҳо зарурати мутобиқ намудани Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён овардаанд. Аз ҷумла, ваколатҳои бекор кардани қарорҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар баъзе ҳолатҳо ба салоҳияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудааст. Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ягона, судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё давлатҳои хориҷӣ қабулшударо дошта бошанд.

Созишномаи арбитражӣ, ки тибқи Конвенсия оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 (Конвенсияи Ню-Йорк) ягона асоси ҳуқуқӣ барои арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, зарурати таҷрибаи амалисозии муқаррароти Конвенсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки созишномаи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Маҳз муқаррароти созишномаи арбитражӣ пешниҳоди баҳсҳоро ба арбитраж, ҳудуди амали арбитрҳо, инчунин шартҳоеро, ки ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи олимон дар солҳои охир институти созишномаи арбитражиро ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ҷалб кардааст.

Ҳамаи ин мушкилотҳои ҳуқуқии зикргардида ва татбиқи амалии институти созишномаи арбитражӣ, аҳаммияти мавзуи интихобгардида ва мубрамияти онро муайян кардааст.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии олимон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола аз пажӯҳишҳои олимони ҳуқуқшиноси ватаниву хориҷӣ хеле васеъ истифода шудаанд, ки барои хулосабарорӣ ва таклифу пешниҳодҳо замина гузоштаанд.

Асоси методологии рисоларо усулҳои умумииилмӣ ва махсус, аз қабили таҳлили диалектикӣ, систематикӣ, муқоиса ва шабоҳат, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ташкил додаанд, ки бо истифода аз онҳо мақсади омӯзиш, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, назария ва амалияи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ошкор карда шудаанд.

Аз нуктаи назари усули диалектикии ҷаҳонбинӣ мафҳуми институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шуда, унсурҳои созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж возеҳ карда шуда, созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ гардида, мафҳум ва хусусиятҳои он муайян карда шудаанд. Усулҳои зикргардида дар маҷмуъ имкон доданд, ки мавзу мавриди омӯзиш ҳамаҷониба, пурра ва объективӣ таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқот ифода ёфтаанд, зоҳир гардида, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд.

Дар навбати худ кор аз норасоиҳо холӣ набуда, муаллиф арбитражи виртуалиро мавриди баррасӣ қарор дода, ибрози ақида менамояд, ки он дар шароити Тоҷикистон татбиқнашаванда мебошад. Бояд қайд намуд, ки ин хулосабарории муаллиф бармаҳал буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва**
**ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** Раҷабов С.А.

**Имзои Раҷабов С.О.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ** Абдураҳмонзода Б.А.

04.04.2024

**Суроғаи муқарриз:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.**
**E.mail:bobojonov_i@mail.ru; info@ifppanrt.tj**
**Телефон: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11**
**Факс: (+992-37) 221-07-31**